# Ҳар касе, ки таом бихӯрад ва баъд аз он бигӯяд: "Алҳамду лиллаҳиллазӣ атъаманӣ ҳоза ва разақаниҳи мин ғайри ҳавлин миннӣ ва ло қуввах." Тарҷума: "Ситоиш махсуси Аллоҳ аст, ки ин таомро ба ман дод ва онро бе нерӯ ва тавоноии ман ба ман рӯзӣ гардонд.", гуноҳони гузаштааш бахшида мешавад

Аз Саҳл ибни Муъоз ибни Анас аз падараш ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Ҳар касе, ки таом бихӯрад ва баъд аз он бигӯяд: "Алҳамду лиллаҳиллазӣ атъаманӣ ҳоза ва разақаниҳи мин ғайри ҳавлин миннӣ ва ло қуввах." Тарҷума: "Ситоиш махсуси Аллоҳ аст, ки ин таомро ба ман дод ва онро бе нерӯ ва тавоноии ман ба ман рӯзӣ гардонд.", гуноҳони гузаштааш бахшида мешавад."

[Ҳасан] [رواه أبو داود والترمذي وابن ماجه وأحمد]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мусалмононро ташвиқ мекунад, ки ҳар гоҳ таом бихӯранд, Аллоҳро ҳамду ситоиш бигӯянд. Зеро ман на қудрати фароҳам овардани таомро дорам ва на тавоноии хӯрдани онро, магар бо кумак ва ёрии Аллоҳ Таъоло. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мужда доданд, ки ҳар ки ин ҳамду ситоишро бигӯяд, сазовори бахшида шудани гуноҳони сағираи гузаштааш мебошад.

https://sunnah.global/hadeeth/tg/show/5431